**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба диссертатсияи Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна дар мавзуи «Старчевский А. В. ва вижагиҳои сохторию маънои "Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ"- и ӯ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна ба таҳлилу таҳқиқи вижагиҳои сохторию маънои "Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ"-и Адалберт Викентевич Старчевский бахшида шудааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки бори аввал вижагиҳои сохторию маънои "Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ"-и Старчевский А. В. дар қолаби рисолаи диссертатсионӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Шинохт ва таъйиду таъйини арзишу аҳаммияти ин фарҳанги муҳим, ки ҳамчун нахустин фарҳанги тоҷикӣ-русии соҳавист, пажуҳиши вижагиҳои сохторию маънои ин фарҳанги фаромӯшшуда аз ҷумлаи мавзуъҳои мубрами ин кори таҳқиқӣ мебошад. Бар ин мабнӣ, таҳқиқи мавзуъҳои меҳварӣ ва мухтассоти сохторӣ ва маънои "Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ"-и А. В. Старчевский боарзиш ва судманд дониста мешавад.

Навоварии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки он дар забоншиносии тоҷик, хусусан дар самти таҳқиқи фарҳангнигорӣ нахустин таҳқиқи илмист. Фарҳанги мавриди гуфтугӯ дорои вижагиҳои илмию назарӣ, амалӣ, маъноию вожагонӣ буда, ин масъалаҳо бори аввал мавриди омӯзишу пажуҳиши вижа қарор гирифтаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро дар баррасии масъалаҳои назарӣ ва таърихии алоқаманд ба фарҳангнигорӣ, хусусан фарҳангнигории дузабона, муқаррар сохтани вижагиҳои сохторӣ ва маънои истилоҳоти фарҳанги мазкур, муайян сохтани тағйири маънои истилоҳоти он, гурӯҳбандӣ намудани истилоҳоти фарҳанг аз рӯйи мавзуъ ва маъно, муайян намудани ҷанбаи решашиносии истилоҳоти ҷудогонаи фарҳанг, омӯзиши таркиб ва

сохтори истилоҳоти фарҳанг ва ниҳоят густариши робитаҳои илмии халқҳои тоҷику рус метавон мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ дар шинохти раванди такомули фарҳангнигорӣ, фарҳангшиносӣ, баррасии масоили марбут ба равобити адабӣ маводи муфид хоҳад дод.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.
Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мутобиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 9 мақола, ки аз ин шумора 3 номгӯи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Ахмедҷонова Мушараф истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навовариҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии **доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)** ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Ба мавзуи диссертатсияи Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна тағйирот ворид карда шавад ва дар шакли "Вижагиҳои сохторию маъноии "Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ"-и А. В. Старчевский" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Мамадназаров Абдусалом** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Усмонова Мунаввара Холиқовна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба сифати муассисаи пешбар "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ" пешниҳод мешавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳматуллозода С. Р.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Султон Ҳ. Б.

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Нуров П. Г.

«4» июли соли 2024.